**ПРОТОКОЛ №3**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-083 назди Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон аз «17» октябри соли 2025, оид ба ҳимояи диссертатсияи Холмирзозода Дустмухамад Нуруло дар мавзуи: «Баланд бардоштани самаранокии энергетикии неругоҳҳои барқии обии хурд (дар мисоли неругоҳи Октябр)», пешниҳодгардида ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.00 – Энергетика (05.14.02 – Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ).

аз «17» октябри соли 2025 н. Кӯшониён

Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 9 нафар тасдиқ карда шудааст.
Дар ҷаласаи мазкур 8 нафар аъзои шуро ҳузур доштанд.

***Муовини раиси шуро:*** д.и.т., дотсент Исозода Д.Т.

***Ҳузур доштанд:***

| № | Насаб, ном ва номи падари аъзои шурои ҳимояи рисолаҳо | Дараҷа ва унвони илмӣ | Вазифа | Ихтисоси илмӣ |
|---|---|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** | **4** | **5** |
| 1. | Исозода Диловаршоҳ Тариқ | д.и.т., дотсент | муовини раиси шуро | 05.14.02 |
| 2. | Махсумов Илҳом Бурҳонович | н.и.т., дотсент | котиби илмии шуро | 05.14.02 |
| 3. | Юлдашев Зарифҷон Шарифович | д.и.т., дотсент | аъзои шуро | 05.14.02 |
| 4. | Ҷалилов Рустам Абдуҳамидович | н.и.т., дотсент | аъзои шуро | 05.14.02 |
| 5. | Назиров Хуршед Бобохоҷаевич | н.и.т., дотсент | аъзои шуро | 05.14.02 |
| 6. | Давлатов Азамҷон Маҳмадиевич | н.и.т. | аъзои шуро | 05.14.02 |
| 7. | Гулов Диловар Юсуфович | н.и.т. | аъзои шуро | 05.14.02 |
| 8. | Амирхонов Алишер Сайвалиевич | н.и.т. | аъзои шуро | 05.14.02 |

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. Ҳимояи диссертатсияи Холмирзозода Дустмухамад Нуруло дар мавзуи: «Баланд бардоштани самаранокии энергетикии неругоҳҳои барқии обии хурд (дар мисоли неругоҳи Октябр)», пешниҳодгардида ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.00 – Энергетика (05.14.02 – Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ).

**Роҳбари илмӣ:**

**Абдураҳмонов Абдукарим Якубович** – доктори илмҳои техникӣ, дотсент, дотсенти кафедраи «Ҳаракатоварҳои автоматикунонидашудаи электрикӣ ва мошинаҳои электрикӣ» - и ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

**Азизов Рустам Очилдиевич** – доктори илмҳои техникӣ, профессор, академики Академияи муҳандисии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мудири шуъбаи технологияҳои нави Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави АМИТ, ш. Душанбе, Тоҷикистон;

**Ғаниев Зокирҷон Султонович** – номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи электроэнергетикии Филиали «Донишгоҳи миллии тадқиқотии “Донишкадаи энергеткии Москва”» дар шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар -** Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон дар шаҳри Бӯстони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Шунида шуд:**

1. Котиби илмӣ Махсумов И.Б. бо маълумоти мухтасар дар бораи унвонҷӯ.

2. Холмирзозода Дустмухамад Нуруло бо маърӯза дар мавзуи: «Баланд бардоштани самаранокии энергетикии неругоҳҳои барқии обии хурд (дар мисоли неругоҳи Октябр)».

Ҷавобҳо ба саволҳои аъзои шурои ҳимояи рисолаҳо: доктори илмҳои техникӣ Юлдошев З.Ш., номзадҳои илмҳои техникӣ Назиров Х.Б., Давлатов А.М., Гулов Д.Ю. ва номзади илмҳои техникӣ Амирхонов А.С.

3. Баромади котиби илмӣ Махсумов И.Б. оид ба қироати тақризи роҳбари илмӣ Абдураҳмонов Абдукарим Якубович.

4. Баромади котиби илмӣ Махсумов И.Б. оиди қироати хулосаи муассисае, ки дар он кори диссертатсионӣ иҷро шудааст ва тақризи муассисаи пешбар.

5. Ҷавобҳои унвонҷӯи дараҷаи илмӣ ба саволу эродҳое, ки дар тақризи муассисаи пешбар оварда шудааст.

6. Баромади котиби илмӣ Махсумов И.Б. оиди қироати тарқризҳои воридгашта ба автореферати диссертатсия.

7. Ҷавобҳои унвонҷӯи дараҷаи илмӣ ба саволу эродҳои воридгашта ба автореферати диссертатсия.

8. Баромади муқарризи расмии якум, доктори илмҳои техникӣ, профессор, Азизов Рустам Очилдиевич.

9. Ҷавобҳои унвонҷӯи дараҷаи илмӣ ба саволу эродҳои муқарризи расмии якум, доктори илмҳои техникӣ, профессор, Азизов Рустам Очилдиевич.

10. Баромади муқарризи расмии дуюм, номзади илмҳои техникӣ, Ғаниев Зокирҷон Султонович.

11. Ҷавобҳои унвонҷӯи дараҷаи илмӣ ба саволу эродҳои муқарризи расмии дуюм, номзади илмҳои техникӣ, Ғаниев Зокирҷон Султонович.

12. Баромади номзади илмҳои техникӣ Назиров Х.Б., доктори илмҳои техникӣ Юлдошев З.Ш., номзади илмҳои техникӣ Ҷалилов Р.А. ва номзади илмҳои техникӣ Давлатов А.М.

13. Интихоби ҳайъати комиссияи ҳисобӣ. Бо овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисобӣ якдилона дар ҳайати зерин интихоб гардид: номзади илмҳои техникӣ Ҷалилов Р.А. – раиси комиссия ҳисобӣ, номзади илмҳои техникӣ Назиров Х.Б. – аъзои комиссия ҳисобӣ ва номзади илмҳои техникӣ Давлатов А.М. – аъзои комиссия ҳисобӣ.

14. Натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонии аъзоёни шурои диссертатсионӣ оид ба ҳимояи диссертатсияҳо дар масъалаи додани дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.00 – Энергетика (05.14.02 – Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ) ба Холмирзозода Дустмухамад Нуруло.

15. Натиҷаҳои зерини овоздихии пинхонии аъзоёни шуро бо овоздиҳии ошкоро якдилона тасдик карда шуданд: дар ҷаласа **8** нафар аъзоёни шуро ҳузур доштанд, аз ҷумла **2** нафар доктори илмҳо аз рӯйи ихтисоси рисолаи баррасишаванда. Шумораи варақаҳои овоздиҳӣ – **8**, варақаҳои тақсимнашуда – **0**. Дар қуттии овоздиҳӣ **8** варақа мавҷуд буд, ки аз онҳо: «тарафдор» – **8**, «муқобил» – **0**, беэътибор – **0**.

16. Муҳокимаи лоиҳаи хулосаи шурои диссертационӣ оид ба диссертатсияи Холмирзозода Дустмухамад Нуруло дар мавзуи: «Баланд бардоштани самаранокии энергетикии неругоҳҳои барқии обии хурд (дар мисоли неругоҳи Октябр)», пешниҳодгардида ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.00 – Энергетика (05.14.02 – Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ).

17. Бо овоздиҳии ошкоро, бо дарназардошти тағйироту иловаҳои воридгардида, хулосаи шурои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияи Холмирзозода Дустмухамад Нуруло дар мавзуи: «Баланд бардоштани самаранокии энергетикии неругоҳҳои барқии обии хурд (дар мисоли

неругоҳи Октябр)», пешниҳодгардида ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.00 – Энергетика (05.14.02 – Неругоҳҳои баркӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ) якдилона тасдиқ карда шуд.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-083 назди Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи аз ҷониби шуро қабулгардида оид ба рисолаи Холмирзозода Дустмухамад Нуруло дар бораи эътимоднокӣ, навоварӣ, аҳамият ва хулосаҳои рисола, инчунин бо дарназардошти натиҷаҳои корҳои илмии нашршуда

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Холмирзозода Дустмухамад Нуруло дар мавзуи «Баланд бардоштани самаранокии энергетикии неругоҳҳои барқии обии хурд (дар мисоли неругоҳи Октябр)», пешниҳодшуда ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.00 – Энергетика (05.14.02 – Неругоҳҳои баркӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ), ба ҳамаи талаботҳои амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида оиди рисолаҳои илмӣ, пурра ҷавобгӯ мебошад, мувофиқи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст.
2. Мақолаҳои нашршуда пурра муҳтавои диссертатсияро инъикос мекунад.
3. Ба Холмирзозода Дустмухамад Нуруло дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.00 – Энергетика (05.14.02 – Неругоҳҳои баркӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ) дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори шурои диссертатсиониро тасдиқ намуда, ба Холмирзозода Дустмухамад Нуруло дипломи номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.00 – Энергетика (05.14.02 – Неругоҳҳои баркӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ) дода шавад.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «ТАРАФДОР»- 8; «ЗИД» - нест; «БЕТАРАФ» - нест.
Якдилона кабул карда шуд.

**Муовини раиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-083, д.и.т., дотсент** — **Исозода Д.Т.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионии 6D.КОА-083, н.и.т., дотсент** — **Махсумов И.Б.**

17 октябри соли 2025.

**ҚАРОРИ**

шурои диссертатсионии 6D.КОА-083
назди Донишкадаи энергеткии Тоҷикистон

«17» октябри соли 2025 н. Кӯшониён

Пас аз шунидан ва муҳокимаи кори диссертатсионии Холмирзозода Дустмухамад Нуруло дар мавзуи: «Баланд бардоштани самаранокии энергетикии неругоҳҳои барқии обии хурд (дар мисоли неругоҳи Октябр)», пешниҳодгардида ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.00 – Энергетика (05.14.02 – Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ), тақризи муассисаи пешбар Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон, ш. Бӯстон, баромадҳои муқарризони расмӣ: Азизов Рустам Очилдиевич – доктори илмҳои техникӣ, профессор, академики Академияи муҳандисии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мудири шуъбаи технологияҳои нави Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави АМИТ, ш. Душанбе, Ғаниев Зокирҷон Султонович – номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи электроэнергетикии Филиали «Донишгоҳи миллии тадқиқотии “Донишкадаи энергеткии Москва”» дар шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва суханрониҳои аъзоёни шуро, ки онҳо мутахасисони соҳаи ихтисоси илмии рисолаи баррасишаванда мебошанд, шурои диссертатсионии 6D.КОА-083 назди Донишкадаи энергеткии Тоҷикистон дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, ва хулосаи қабулнамудаи шуро оид ба рисолаи Холмирзозода Дустмухамад Нуруло оиди боэътимодӣ, навоварӣ, аҳамият ва хулосаҳои таҳқиқоти иҷрошуда, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршуда

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Холмирзозода Дустмухамад Нуруло дар мавзуи «Баланд бардоштани самаранокии энергетикии неругоҳҳои барқии обии хурд (дар мисоли неругоҳи Октябр)», пешниҳодшуда ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.00 – Энергетика (05.14.02 – Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ), ба ҳамаи талаботҳои амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида оиди рисолаҳои илмӣ, пурра ҷавобгӯ мебошад, мувофиқи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст.
2. Мақолаҳои нашршуда пурра муҳтавои диссертатсияро инъикос мекунад.
3. Ба Холмирзозода Дустмухамад Нуруло дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.00 – Энергетика (05.14.02 – Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ) дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори шурои диссертатсиониро тасдиқ намуда, ба Холмирзозода Дустмухамад Нуруло дипломи номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.00 – Энергетика (05.14.02 – Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ) дода шавад.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «ТАРАФДОР»- 8; «ЗИД» - нест; «БЕТАРАФ» - нест.
Якдилона кабул карда шуд.

**Муовини раиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-083, д.и.т., дотсент** ____ **Исозода Д.Т.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионии 6D.КОА-083, н.и.т., дотсент** ____ **Махсумов И.Б.**

17 октябри соли 2025.

**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.KOA-083 назди Донишкадаи энергеткии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.00 – Энергетика (05.14.02 – Неругоҳҳои баркӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ).**

Парвандаи аттестатсионии № 01
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 17 октябри соли 2025, № 3

Бораи сазовор донистани Холмирзозода Дустмухамад Нуруло ба дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.00 – Энергетика (05.14.02 – Неругоҳҳои баркӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ**).**

Диссертатсияи Холмирзозода Дустмухамад Нуруло дар мавзуи «Баланд бардоштани самаранокии энергетикии неругоҳҳои баркии обии хурд (дар мисоли неругоҳи Октябр)» аз рӯйи ихтисоси 05.14.00 – Энергетика (05.14.02 – Неругоҳҳои баркӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ), санаи 05 августи соли 2025, протоколи № 2-и Шурои диссертатсионии 6D.KOA-083 назди Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон (735162, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Кушониён, шаҳраки Бохтариён, кӯчаи Н. Хусрав, 73, фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2024, № 427/шд.) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Холмирзозода Дустмухамад Нуруло соли таваллудаш 1989, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистонро соли 2013 бо ихтисоси автоматонии ҳаракатоварҳои баркӣ хатм намудааст.

Аз соли 2018 то 2023 унвонҷӯи лабораторияи «Энергетика, захира ва энергиясарфанамоӣ»-и Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон буда, айни ҳол ба сифати муаллими калон дар кафедраи «Автоматонии ҳаракатоварҳои баркӣ»-и Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Диссертатсия дар лабораторияи «Энергетика, захира ва энергиясарфанамоӣ»-и Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва дар кафедраи «Автоматонии ҳаракатоварҳои баркӣ»-и Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Абдураҳмонов Абдукарим Якубович, доктори илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи ҳаракатдиҳандаҳои автоматикунонидашудаи электрикӣ ва мошинаҳои электрикӣ-и ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Азизов Рустам Очилдиевич**, доктори илмҳои техникӣ, профессор, академики Академияи муҳандисии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мудири шуъбаи технологияҳои нави Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави АМИТ. ш. Душанбе (чи гунае, ки дар автореферат ҳаст дар ҳамон шакл овардан лозим);

– **Ғаниев Зокирҷон Султонович**, номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи «Электроэнергетика»-и филиали «Донишгоҳи миллии тадқиқотии “Донишкадаи энергеткии Москва”» дар шаҳри Душанбе.

Муқарризони расмӣ ба кори диссертатсионӣ тақризҳои мусбӣ доданд.

**Муассисаи пешбар**: Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон (шаҳри Бӯстон), дар тақризи мусбии худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласаи васеи кафедраи «Таъминоти барқ», номзади илмҳои техникӣ Абдуллоев Муҳамдхӯҷа Аҳмадхоҷаевич, ташхискар: номзади илмҳои физикаю математика, профессор Қозиён. К.С. (протоколи №2, аз 30.09.2025) имзо ва аз ҷониби ректори Донишкада, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ тасдиқ гардидааст, қайд намудааст, ки:

− Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 05.14.00 – Энергетика (05.14.02 – Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ), мувофиқат мекунад.

− Кори диссертатсионии пешниҳоднамудаи Холмирзозода Дустмухамад Нуруло кори мустақилона, пурра ва анҷомёфтаи илмӣ-таҳқиқотӣ мебошад, ки дорои нишонаҳои аҳамияти илмӣ ва амалии баланд, навоварӣ, ягонагии дохилӣ ва мубрамият мебошад.

− Диссертатсияи пешниҳоднамудаи Холмирзозода Дустмухамад Нуруло ба шиносномаи ихтисоси 05.14.00 – Энергетика (05.14.02 – Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ) (бандҳои 2, 6, 7 ва 9) пурра мувофиқат мекунад ва ба соҳаи ихтисоси илмии шурои диссертатсионии 6D.KOA-083 мутобиқ мебошад.

− Кори диссертатсионии Холмирзозода Дустмухамад Нуруло дар мавзуи «Баланд бардоштани самаранокии энергетикии неругоҳҳои барқии обии хурд (дар мисоли неругоҳи Октябр)» ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.00 – Энергетика (05.14.02 – Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ) мебошад.

Довталаб дорои 11 мақолаи илмии нашршуда оид ба мавзуи диссертатсия мебошад, ки аз онҳо 2 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба табъ расидаанд. Дар корҳои нашршуда ғояҳои асосӣ, натиҷаҳои назариявию таҷрибавӣ ва хулосаҳо пурра ба муаллиф тааллуқ доранд.

## Муҳимтарин интишороти кори диссертатсионӣ:

### Мақолаҳои нашршуда дар маҷалаҳои илмии тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

1. Холмирзоев Д.Н. Неругоҳи хурди обии “Октябр” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Я. Абдураҳмонов, Д.Н. Холмирзоев // Паёми Потитехникӣ. Бахши: Тадқиқотҳои муҳандисӣ. № 4 (52) 2020. – С. 17-20. ISSN: 2520-2227.

2. Холмирзоев Д.Н. Проектирование и строительство малых ГЭС (МГЭС) в Республике Таджикистан [Матн] / Д.Н. Холмирзоев // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия естественных наук. – 2022. – №. 2/3. – С. 61-64. ISSN: 2663-6417.

## Патентҳо:

3. Холмирзоев Д.Н. Неругоҳи хурди обии барқии бесарбанд [Матн] / Д.Н. Холмирзоев, А.Я. Абдураҳмонов, Г.Т. Абдураҳмонов, Қ.Ҳ Пираков, Н.М. Раупов // Нахустпатент. Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025, №TJ 1587 (аз 18.03.2025).

## Мақолаҳое, ки дар маводҳои конференсияҳо нашр шудаанд.

4. Холмирзоев Д.Н. Проблема воды и особенности прогнозирования долгосрочных тенденций в центральной азий / А.З. Раҳматуллоев, Х.Х. Назарзода, Д.Н. Холмирзоев / Маводҳои Конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Рушди иқтисодии энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 22-24 майи соли 2016, Кушониён – 2016. – С. 45-48.

5. Холмирзоев Д.Н. Ба қайдгирии тавсифномаҳои механики муҳаррики ғайризамонсоз ҳангоми тағийрёбии басомад ва шиддати статор дар як фосилаи вақт / Д.Н. Холмирзоев, А.Р. Рашидов, Ҳ.Қ. Муҳаббатов / Материалы Республиканской научно-практической конференции «Развитие стабильной энергетики в годы независимости» 22-23 Декабря 2016 года, Кушониён – 2016. – С. 51-56.

6. Холмирзоев Д.Н. Исследованние динамических процессов в системе частотно-регулируемого электропривода насосного агрегата и магистрального турбопровода / Р.А. Кахоров, А.З. Раҳматуллоев, Х.З. Мирзоев, Д.Н. Холмирзоев / Материалы Республиканской научно-практической конференции «Развитие стабильной энергетики в годы независимости» 22-23 Декабря 2016 года, Кушониён – 2016. – С. 148-154.

7. Холмирзоев Д.Н. Потенциал малых ГЭС ресурсов Таджикистана / А.Я. Абдурахманов, Г.Т. Абдурахманов, Д.Н. Холмирзоев / Материалы международной научно-практической конференции «Устойчивое развитие водно-энергетического консорциума средней Азии - главный путь достижения энергетической независимости Республики Таджикистан» 15-16 мая 2018 года, Кушониён – 2018. – С. 286-289.

8. Холмирзоев Д.Н. Гидроэнергетикаи хурд дар Тоҷикистон / А.Я. Абдурахманов, Г.Т. Абдурахманов, А. Акрамов Д.Н. Холмирзоев / Материалы международной научно-практической конференции «Развитие гидроэнергетики - развитие Таджикистана» 20 Декабря 2018 года, Кушониён – 2018. – С. 139-141.

9. Холмирзоев Д.Н. Яке аз сабабҳои корношоям шудани ноқили алюминий дар соҳаи электротехника / А.Р. Рашидов, Н.Х. Одинаев, Б.Ф. Эмомов, Д.Н. Холмирзоев, Ф.Н. Қувватов / Endless Light in Science. – 2023. – № 2-2. – С. 277-281.

10. Холмирзозода Д.Н. Вклад сажи на изменение плотность системы касторового масла и бензола при атмосферном давлении и комнатной тенпературе / А.Р. Раджабов, А.Р. Рашидов, Р.А. Кахоров, Д.Н. Холмирзозода / Материалы Международной научно-практической конференции: «Энергетика ключевое направление развития национальной экономики» 19 декабря 2024 года, Институт энергетики Таджикистана, р-н. Кушониён, 2024. – С. 57-63.

11. Холмирзоев Д.Н. Таҳсири руҳ ба сохт ва хосиятҳои алюминий / А.Р. Рашидов, Н.Х. Одинаев, А.Р. Раҷабов, Д.Н. Холмирзоев, Ф.Н. Қувватов / Международный научно-практический журнал. №2, 31 Октября 2024 Туркестан, Казахстан. С. 22-24.

Ба автореферати диссертатсия 4 тарқризи мусбӣ ворид гардидааст:

1. **Давлатзода Хуршедшоҳ Давлат** – номзади илмҳои техникӣ, муаллими калони кафедраи «Ҳимояи релеӣ ва автоматикунонии системаҳои энергетикӣ»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ бо чунин эродҳо:

- Дар автореферат натиҷаҳои ҳисоббарорӣ ва моделсозӣ ба таври муфассал пешниҳод шудаанд, вале ҷадвалҳо ва диаграммаҳое, ки муқоисаи аниқ бо натиҷаҳои таҳқиқоти дигар муҳаққиқонро таъмин намоянд, ба қадри кофӣ пешниҳод нашудаанд.

- Бо вуҷуди он ки муаллиф аҳамияти иқтисодии татбиқи лоиҳаҳои неругоҳҳои барқии обии хурдро зикр мекунад, ҳисобҳои иқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои дақиқи самаранокӣ пурра оварда нашудаанд.

- Дар бораи маҳдудиятҳои моделсозӣ (масалан, шароити соддакардашудаи ҳисоббарорӣ, параметрҳои қабулшуда ва ғайра) шарҳи муфассал дода нашудааст.

2. **Сафарзода Шоҳин Рустам** – номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедраи «Методикаи таълими физика»-и Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо чунин эродҳо:

- Таҳқиқот асосан дар мисоли як неругоҳ (Октябр) гузаронида шудааст. Ин метавонад натиҷаҳоро маҳдуд ба шароити имруза гардонад ва имкони умумисозии хулосаҳоро коҳиш диҳад.

- Кори илмӣ метавонад аз муқоиса бо таҷрибаи кишварҳои дигар дар самти неругоҳҳои хурд ва усулҳои баландбардории самаранокӣ таҳлил карда шавад, аммо ин гуна таҳлилҳо ва муқоисаҳо дар автореферат нест.

- Таҳлили таъсири экологӣ ва иҷтимоии беҳсозии неругоҳҳо нокофӣ аст, дар ҳоле ки ин омилҳо барои рушди устувор аҳамияти калон доранд.

- Дар бораи маҳдудиятҳои моделсозӣ (масалан, шароити соддакардашудаи ҳисоббарорӣ, параметрҳои қабулшуда ва ғайра) шарҳи муфассал дода нашудааст.

3. **Бобохонов Фирдавс Шамсиддинович** – номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедраи «Сохтмон ва меъморӣ» - Донишгоҳи давлатии Данғара бо чунин эродҳо:

- Дар автореферат моделҳои қисми гидравликии неругоҳи барқии обӣ баври васеъ оварда шудаанд, аммо моделҳои қисми электромашини (яъне генератор) ба таври кофӣ пешниҳод нашудааст;

- Инчунин дар автореферат баъзе камбудиҳои имлой дида мешавад, муаллиф ҳангоми навиштани автореферат бояд қоидаҳои имлоиро ба назар мегирифт.

**Ҷӯразода Шоҳин Ҷӯра** – номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи «Электроэнергетика» - филиали муассисаи таҳсилоти олии буҷетии давлатии федералӣ «Донишгоҳи миллии тадқиқотии "Донишкадаи энергетикии Москва"» бо чунин эродҳо:

Дар расми 3 (Асоси сохтани неругоҳи барқии обии хурди автономӣ ва автоматикунонидашуда), калимаҳои кӯтоҳкардашуда бо забони русӣ оварда шудаанд, Масалан, сарбан (П), танзимкунандаи ангезиш (РЗ) ва ғайраҳо.

Дар расми 4 (Нақшаи функсионалии автоматикардашудаи неругоҳи барқи обии хурд), блоки «НТ» шарҳ дода нашудааст, ки барои чӣ лозим аст.

Мувофиқи графики дар расми 11 овардашуда, давраи зиёдтарини миқдори об тақрибан дар рузҳои 95 ум рост меояд. Агар Шумо аввалин рӯзи солро якуми январ дар назар дошта бошед, пас миқдори зиёди об дар обанбор дар аввали моҳи апрел

рост меояд, ки дар шароити Тоҷикистон мувофиқ нест. Ё шояд Шумо аввалин рӯзи ҳисобиро дигар рӯз (на якуми январ) интихоб кардаед? Умуман график нофаҳмо аст ва хубтар мешуд, ки аввалин рӯзи ҳисобиро муайян мекардед.
Мувофиқи маълумоти дар автореферат омадашуда, дар расми 12 (Конструксияи генератори синхронӣ бо кутбҳои асосӣ ва бо магнити доимӣ) қимматҳои қутрҳои беруна ва дарунаи теғаи лангар ва кутри берунаи индуктор қиммати якхела доранд, яъне ба 123 мм баробар мебошанд. Ин қимматҳо оё дурустанд?

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ арзёбӣ шудаанд. Дар баъзе тақризҳо эродҳо мавҷуданд, вале муқарризон таъкид мекунанд, ки ин эродҳо арзиши илмӣ ва амалӣ, ҳамчунин дараҷаи мубрамияти кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мувофиқати соҳаҳои таҳқиқоти онҳо ба самт ва соҳаи рисолаи баррасишаванда, сатҳи баланди тахассусии назариявию касбӣ, таҷрибаи илмӣ ва доштани корҳои илмӣ оид ба масъалаҳои таҳқиқшаванда, аз ҷумла мақолаҳои нашршуда дар панҷ соли охир асоснок гардидааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо мувофиқати корҳои илмии кормандони он ба самти тадқиқоти диссертатсионӣ ва доштани нашрияҳои илмӣ оид ба масъалаҳои мавриди таҳқиқ асоснок карда шудааст, ки ин қобилияти онҳоро барои арзёбии аҳамияти илмӣ ва амалии рисолаи пешниҳодшударо тасдиқ менамояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки бо такя ба натиҷаҳои таҳқиқотҳои аз ҷониби довталаб анҷомдодашуда:**

✓ Модели математикӣ барои қисми гидравликии неругоҳи барқи обии хурд **таҳия гардидааст**, ки хусусиятҳои ҷараёнҳои кӯҳӣ ва тағйирёбии сарфи обро ба инобат мегирад;

✓ Тавсияҳои методӣ оид ба интихоби параметрҳои асосии турбинаҳои обӣ ва генераторҳо барои неругоҳҳои барқи обии хурд дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон **таҳия шудаанд**;

✓ Сохтори техникии зернеругоҳи бе сарбанд (дарғот) **таҳия гардидааст**, ки ин навоварӣ бо патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № TJ1587 аз 18.03.2025 тасдиқ шудааст;

✓ **Исбот карда шудааст**, ки татбиқи модел ва ҳалли техникии пешниҳодшуда имконият медиҳад, то сатҳи эътимоднокӣ ва самаранокии энергетикии фаъолияти неругоҳҳои барқи обии хурд дар шароити кӯҳистони Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардошта шавад.

**Аҳамияти назариявии тадқиқот бо он асос ефтааст, ки:**

✓ дар кори диссертатсионӣ **таҳлили ҳамаҷонибаи** захираҳои гидроэнергетикӣ, хусусиятҳои техникии неругоҳҳои барқи обии хурд ва самаранокии фаъолияти онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст;

✓ дар раванди тадқиқот натиҷаҳои таҳқиқоти назарявӣ ва маълумотҳои таҷрибавии фаъолияти неругоҳи «Октябр» **натиҷабахш истифода** гардида, барои такмили моделҳои энергетикӣ **ба кор бурда шудаанд**;

✓ моделҳои таҳиягардида ва усулҳои пешниҳодшуда дар муҳити MATLAB/Simulink ва дар асоси маълумоти воқеии гидрологӣ **тавсиб шуда,** мувофиқати онҳо бо натиҷаҳои таҷрибавӣ **тасдиқ гардидааст**;

✓ натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои асосии таҳқиқот ба таври возеҳ ва пайдарпай дар бобҳои рисола **баён гардида**, мантиқи илмии тадқиқотро пурра инъикос мекунанд;

✓ **натиҷаҳои таҳқиқот** дар асоси моделсозии математикӣ, таҳлили динамикии равандҳои гидроэнергетикӣ ва асосноккунии техникии лоиҳаи неругоҳи барқи обии хурд бунёд ёфтаанд;

✓ хусусиятҳои техникию технологӣ ва параметрҳои асосии турбина, генератор ва низоми обгузарии неругоҳи барқи обии хурд **амиқ омӯзиш ёфта**, омилҳои таъсиррасон ба самаранокии энергетикӣ муайян карда шудаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои тадқиқот, ки довталаби дараҷаи илмӣ барои амалия ба даст овардааст, бо он тасдиқ карда мешавад, ки:**

✓ дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот сохтори техникии нав барои неругоҳи барқи обии хурд **таҳия шудааст,** ки мутобиқ ба шароити гидрологӣ ва энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, сатҳи эътимоднокӣ ва самаранокии кори онро баланд мебардорад;

✓ методикаи илмӣ ва амалии ҳисобу таҳлили иқтидори энергетикӣ ва фишори об дар неругоҳҳои барқи обии хурд **таҳия гардидааст**, ки барои тарҳрезӣ ва арзёбии параметрҳои асосии онҳо имконият фароҳам меорад;

✓ усулҳои илмӣ асоснок барои интихоби турбинаҳо ва генераторҳои оптималӣ **таҳия шудаанд**, ки мутобиқ ба шароити гидроэнергетикии кӯҳистони Тоҷикистон буда, барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли энергияи электрикӣ мусоидат мекунанд;

✓ Пешниҳодҳои амалии техникиву ташкилӣ оид ба таҷдид ва беҳтарсозии неругоҳи барқи обии хурди «Октябр» **пешниҳод гардидаанд**, ки натиҷаҳои онҳо дар санҷишҳои воқеӣ самаранокии худро исбот намудаанд;

✓ **натиҷаҳои таҳқиқот** дар раванди таълимӣ оид ба фанҳои «Системаи идоракунии неругоҳҳои барқӣ» ва «Лоиҳакашии неругоҳҳои барқи обии хурд» ҷорӣ гардида, барои иҷрои корҳои илмии магистрантон дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон **истифода мешаванд**.

**Арзёбии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод:**

✓ **барои корҳои таҷрибавӣ** маҷмӯи тартиботи таҳқиқотӣ, асосҳои методологӣ ва усулҳои таҳлили хусусиятҳои истифодабарии неругоҳҳои барқи обии хурд дар шароити тағйирёбандаи реҷаи гидрологӣ истифода шудаанд;

✓ **қоидаҳои назариявӣ** дар асоси таҳлили корҳои олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаҳои баланд бардоштани самаранокӣ ва эътимоднокии системаҳои гидроэнергетикӣ бахшида шудаанд, таҳия гардидаанд;

✓ **ғояи (идеяи) асосии таҳқиқот** дар зарурати объективии истифодаи усулҳои моделсозии математикӣ барои таҳқиқи равандҳои электромеханикӣ дар муҳитҳои барномавии MATLAB/Simulink ва ANSYS асос ёфтааст;

✓ **дар раванди таҳқиқот** маълумоти низоми энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаҳои ченкуниҳои назоратии амалӣ дар неругоҳҳои барқи обии хурди амалкунанда истифода шудаанд;

✓ мувофиқати сифатии натиҷаҳои бадастомадаи муаллиф бо натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ, ки ба омӯзиши самаранокии энергетикӣ ва эътимоднокии неругоҳҳои барқи обии хурд бахшида шудаанд, **муайян гардид**;

✓ **дар ҷараёни таҳқиқот** усулҳои муосири ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумоти техникӣ ва оморӣ ба таври самаранок истифода шудаанд.

**Саҳми шахсии муаллиф** дар муайян кардани вазифаҳои асосии тадқиқот ва муайян кардани самти асосии тадқиқот мебошад. Моделҳои математикӣ ва компютерӣ, инчунин натиҷаҳои ниҳоии тадқиқот аз ҷониби муаллиф мустақилона ба даст оварда шуданд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-083 аз санаи 17 октябри соли 2025 қарор карда шуд, ки ба Холмирзозода Дустмухамад Нуруло дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.14.00 – Энергетика (05.14.02 – Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ) дода шавад ва аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, то ин қарори қабулшударо тасдиқ намояд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 8 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 2 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 05.14.00 – Энергетика (05.14.02 – Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ).

Овоз доданд: тарафдор 8 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

Муовини раиси шурои диссертатсионии
6D.КОА-083, д.и.т., дотсент ____________ Исозода Д.Т.

Котиби илмии шурои диссертатсионии
6D.КОА-083, н.и.т., дотсент ____________ Махсумов И.Б.

17 октябри соли 2025.